Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 146 (4566) | ЧОРШАНБЕ, 23 НОЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО СЕРГЕЙ НАРИШКИН

**22-юми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон директори Хадамоти разведкаи берунии Федератсияи Россия Сергей Наришкинро, ки бо сафари корӣ ба Тоҷикистон ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар рафти мулоқот дар доираи шарикии стратегии ҳар ду давлат маҷмӯи масъалаҳои вобаста ба таъмини амният баррасӣ гардида, ҷонибҳо ба ҳамкории Тоҷикистон ва Россия дар ҷодаи хадамоти махсус, ки тӯли таърихи 30-солаи робитаҳои дипломатии Тоҷикистону Россия ба таври мунтазам рушд ёфтаанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Ба ин манзур муҳимияти таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ дар самти мубориза алайҳи терроризм, экстремизм ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, бахусус қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ, киберҷиноятҳо ва дигар навъи таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, таъкид гардид.

Ҷонибҳо масъалаҳои ҳамоҳангии минбаъдаи амалҳоро дар самти муқовимат ба хатарҳои мавҷуда, ки бо тамоюли паҳншавии идеологияи тундгароии динӣ алоқамандӣ доранд, низ баррасӣ карданд.

Қазияи Афғонистон низ дар маркази диққат қарор дошт.

Дар рафти суҳбат атрофи дигар масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

## НОМАИ ҲАМДАРДӢ

**22-юми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Индонезия муҳтарам Ҷоко Видодо номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



**«Муҳтарам ҷаноби Президент!**

Хабари заминларзаи шадид дар ҷазираи Яваи Ҷумҳурии Индонезия, ки бар асари он теъдоди зиёди одамон ҷон бохтаву осеб диданд, боиси андуҳи мо гардид.

Вобаста ба пайомадҳои фоҷиабори ин офати табиӣ ҳамдардии амиқи ин ҷонибро ба Шумо, мардуми дӯсти Индонезия ва наздикону пайвандони фавтидагон изҳор намуда, ба ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ АРМАНИСТОН

**23-юми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба Ҷумҳурии Арманистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел карданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазири мудофиа, котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

**www.president.tj**



## АЗ ДИРАФШИ КОВАЁНӢ ТО ПОЯИ 165 - МЕТРАИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

**24-уми ноябри соли 1992 таҳти раёсати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар масъалаҳои рӯзномаи иҷлосия масъала «Дар бораи Парчами давлатӣ ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро низ баррасӣ намуд. Дар гузориши иҷлосияи мавриди назар, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» нашр шудааст, омадааст, ки доир ба моҳият ва аҳамияти қабули рамзҳои давлатӣ академик Муҳаммад Осимӣ гузориш дод.**

Сипас, аз ҷониби вакилон қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар хусуси тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардиданд.

Ҳамин тариқ, 24-уми ноябри соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон расман соҳиби аввалин рамзи давлатӣ - Парчами давлатӣ гардид ва дар асоси муқаррароти моддаи 3-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам дар баробари Нишон ва Суруди Миллӣ яке аз рамзҳои давлатӣ эътироф шуд.

Парчами давлатӣ яке аз рамзҳои муҳими Истиқлолияти давлатӣ, таҷассумгари асосҳои давлат ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои мардуми Тоҷикистон мебошад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатӣ» муқаррар шудааст, ки эҳтироми волои Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ ифтихори миллии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки мардуми мо дар парчамдорӣ таърихи куҳан доранд ва ин худ далели маърифати баланд аст. Бостоншиносон истифодаи онро то солшумории милодӣ собит намудаанд. Дар замони Куруши кабир халқи тоҷик, ки соҳиби Эъломияи ҳуқуқи башар гашта буд, аввалин шуда, дирафш - парчамро ба миён овард. Нақши нахустпарчами мо - «Дирафши коваёнӣ»-ро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» хеле барҷаста тасвир кардааст.

Аз аҳди бостон парчам ифодагари мавқеи сарлашкар ва нерубахшу ҳидоятгари он ба пирӯзӣ дониста мешуд. Ғасби парчами лашкар аз ҷониби лашкари дигар маънои пирӯзӣ бар онро дошт. Парчами лашкар таври доимӣ аз ҷониби гурӯҳе аз сарбозон назорат ва ҳимоя мешуд, ки ин анъана то ба ҳол боқист.

Тибқи «Энсиклопедияи советии тоҷик», парчам рамзи синф, миллат, ягонагии ҳарбӣ, ҳизбӣ, динӣ ва ҷамъиятии ташкилотҳои гуногун мебошад. Дар асри V то милод ба вожаи сермаънову тоҷикиасли дирафш куҳантарин муродиф парчам буд. Пас аз Инқилоби октябр ба силсилаи муродифҳои парчам вожаи туркии байрақ ворид гашт. Дирафш ва парчам вожаҳои ноби тоҷикӣ буда, аз вожаҳои байрақ, алам, ливо ва роят бо ин бартарӣ доранд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҚАБУЛ ШУД



**Бисту сеюми ноябри соли 2022 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИСИКУНАНДА: - Муҳтарам вакилон!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 55 вакил ҳузур доранд.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласа Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шараф Каримзода, муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Маҳмадшозода, сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳтам Абдуллозода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ду масъала пешниҳод шудааст.

Доир ба он таклифу пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳиш мекунам мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид».**

**(Идома дорад)**

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## НОЗИРОНИ АБ ИДМ: ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН МУТОБИҚ БА МЕЪЁРҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

**22 - юми ноябри соли 2022 муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамоҳангсози гурӯҳи нозирони Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Дилрабо Мансурӣ зимни баромадаш дар нишасти матбуотии ҳайати нозирони АБ ИДМ оид ба натиҷаҳои мониторинги интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон, ки дар шаҳри Остона баргузор гардид, иброз намуд, ки дар ҷаласа 67 сенатор, вакилони ҳашт парлумони ИДМ, инчунин, кормандони Котиботи Шӯрои ИДМ, коршиносони Институти байналмилалии мониторинги рушди демократияи ИДМ иштирок доштанд.**

20-уми ноябри соли 2022 нозирони байналмилалӣ аз қитъаҳои интихоботии Остона, Алмаато, Талдиқӯрғон, вилояти Акмола, инчунин аз Боку, Ереван, Минск, Бишкек, Астрахан, Қазон, Москва, Омск, Санкт-Петербург, Душанбе, Тошканд, Рум, Пекин, Истанбул, Сеул, Бухарест, Анталия ва Париж боздид намуда, дар маҷмӯъ, 121 қитъаи интихоботиро аз назар гузарониданд.

Дар асоси натиҷаҳои мониторинг гурӯҳ қайд мекунад, ки қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Қазоқистон барои баргузории интихоботи демократӣ ва риояи ҳуқуқҳои ҳама иштирокчиёни раванди интихобот шароити заруриро фароҳам овардааст.




- Иштироки шаш номзад дар маъракаи интихоботӣ аз рақобатпазирии раванди интихобот шаҳодат медиҳад, - иброз дошт Дилрабо Мансурӣ.

Бино ба гуфтаи нозирон, комиссияҳои интихоботӣ фаъолиятро тибқи қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои байналмилалии интихоботи демократӣ анҷом дода, ба ҳамаи номзадҳо дастрасии баробар ба расонаҳои чопӣ ва электронӣ фароҳам оварда шуд.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ дар доираи сафараш ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон, ҳамчунин, бо роҳбарияти парлумон, Вазорати корҳои хориҷӣ ва Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Қазоқистон мулоқот намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ВОХӮРИИ САИДМУРОД ФАТТОҲЗОДА БО ТОМАС ДАНЕСТАД



**Бисту якуми ноябри соли равон раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо сафири фавқулода ва мухтори Подшоҳии Шветсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Томас Данестад мулоқот намуда, масъалаҳои марбут ба муносибатҳои байнипарлумонии ҳар ду кишварро мавриди баррасӣ қарор доданд.**

Зикр гардид, ки ҳамкории байни кишварҳо дар соҳаи гуманитарӣ, хусусан лоиҳаҳо барои дастгирии инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои эҷоди имкониятҳои худтаъминсозии аҳолӣ, барои инкишофи сектори кишоварзӣ ва барои амалӣ гардонидани стратегияи миллии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, назаррас аст.

Пояи қарордодиву ҳамкорӣ байни кишварҳо дар ҳоли густариш қарор дошта, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Шветсия барои дастгирӣ кардани инкишофи соҳаи тухмипарварӣ аз 6 - уми октябри соли 2004 ва Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шветсия дар бораи шарт ва ҳолатҳои умумии ҳамкорӣ баҳри рушд аз 12-уми феврали соли 2005 байни Тоҷикистон ва Шветсия баста шудааст.

# ТАҚВИЯТИ РАВОБИТИ БАЙНИПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОНУ БЕЛАРУС



**22-юми ноябри соли 2022 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Беларус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Виктор Денисенко мулоқот намуд.**

Дар мулоқот бештар ба масъалаи густариши ҳамкории байнипарлумонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парлумони Ҷумҳурии Беларус таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Саидмурод Фаттоҳзода изҳор дошт, ки миёни парлумонҳои ҳар ду кишвар гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ амал мекунанд ва ба роҳ мондани рафтуомади намояндагони парлумонҳои Тоҷикистону Беларус ба кишварҳои якдигар барои боз ҳам густариш пайдо кардани муносибатҳо мусоидат намуда, дар самти истифода аз таҷрибаи ҳамдигар ҷиҳати таҳия ва омода кардани қонун ва дигар санадҳо ёрӣ мерасонад.

Номбурда таъкид кард, ки барои Тоҷикистон ва Беларус имконияти хеле зиёди ҳамкорӣ дар ҳама замина, аз ҷумла равобити байнипарлумонӣ, иқтисоду тиҷорат, илму маориф, кишоварзӣ, фарҳанг ва дигар соҳаҳо, вуҷуд дорад.

# ИШТИРОКИ ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР ҶАЛАСА ОИД БА ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР ИСТАНБУЛ



**22 - юми ноябри соли 2022 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавлуда Мирзозода дар кори ҷаласаи муштараки Дафтари минтақавии Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ ва Дафтари минтақавии Барномаи рушди СММ дар Истанбул иштирок намуд.**

Зикр шуд, ки дафтарҳои Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон ва Барномаи рушди СММ арзиши худро ҳамчун мақомоти муассири вокуниш ба пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон бо истифода аз нуфузи муассисаҳои миллии ҳуқуқи инсон барои қабули қарорҳои сиёсати миллӣ ба таври боварибахш ва бо стандартҳои байналмилалӣ исбот кардаанд.

Мавлуда Мирзозода иброз дошт, ки тибқи муқаррароти моддаи 14 - уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҳифз карда мешаванд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи устувор гузошта, рушди озоди ҳар шахс ва ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, аз қабили озодии баён, гуногунандешӣ, ошкорбаёниро кафолат медиҳад.

- Ҳоло дар Тоҷикистон тадриҷан институтҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз қабили созмонҳои ғайридавлатии ҳифзи ҳуқуқ, ташаккул меёбанд. Онҳо ба ин ё он дараҷа ба раванди сиёсӣ, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ва тараққиёти ҷамъият таъсир мерасонанд, - гуфт номбурда ва афзуд: - Мо ният дорем, ки минбаъд низ аз ин майдон барои таҳкими робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологии байни кишварҳоямон, ҳам дар заминаи бисёрҷониба ва ҳам дар заминаи дуҷониба, масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи инсонро фаъолона ҳал намоем.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХӢ ВА РИСОЛАТИ САРНАВИШТСОЗ



**Илҳом АМОНЗОДА,**
**узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Ибтидои солҳои навадуми асри гузашта, дар як қатор ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ интиқоли қудрат ба таври осоишта сурат гирифта, дар давлатҳои дигар миёни доираи роҳбарии мавҷуда ва намояндагони ба тозагӣ арзи ҳастинамудаи созмону ҳаракатҳои гуногун барои сарварию соҳиби қудрат гардидан баҳсу мунозира авҷ гирифтанд. Ҷумҳурии мо низ ба саҳнаи воқеии бархӯрдҳои ҳамватанӣ мубаддал гашт.**

Табиист, ки ҳар гоҳ низоми сиёсии давлатдорӣ тағйир ёбад, нофаҳмиҳо, норозигиҳо, мухолифатҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ ба миён меоянд. Хушбахт он миллатест, ки дар чунин лаҳзаҳои ниҳоят ҳассос фарзандонеро парваридааст, ки роҳи таъмини сулҳ ва якпорчагии миллату давлатро пеш гирифта, дар такя ба мардум ба тасдиқи қарорҳои судманд мепардозад. Баъд аз парокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ барои мо - тоҷикон марҳалаи ниҳоят ҳассос ва душвор пеш омад, ки таъмини истиқлолияти давлатӣ ва ислоҳоти дастгоҳҳои давлатӣ дар як муҳлати кӯтоҳ, роҳбарияти олии кишварро вазифадор мекард, ки ҳар чӣ зудтар ҷаласаи ҳамдигарфаҳмию таъсиргузор ваояндасозро даъват намоянд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ аз ҷумлаи он иҷлосияҳое мебошад, ки ояндаи кишвар, пешгирии миллат аз парокандагӣ, интихоби роҳбари оқилу доно ва таъмини амнияти миллиро поя гузошт.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи душвори ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат моҳҳои ноябр ва декабри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид, яке аз рӯйдодҳои нодир ва сарнавиштсози асри гузашта ба ҳисоб рафта, тавонист раванди наверо ҷиҳати ба ҳам омадани миллат фароҳам оварад ва ба таҳкими пояҳои сиёсиву ҳуқуқии ҷомеа асос гузорад.

Он исбот намуд, ки дар Тоҷикистон қувваи тавоное зуҳур кардааст, ки метавонад пеши роҳи харобиҳо ва моҷароҳоро гирад ва миллатро ба саодат расонад. Ҳукумати қонунӣ, ки дар ин иҷлосия сари қудрат омад, тавонист тахти сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кӯтоҳ оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш намуда, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор созад, Артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадиро таъсис диҳад, гурезаҳоро ба Ватан баргардонад. Аввалин изҳорот ва аввалин баёнияҳои Раиси Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ман ҷонамро барои осоиши кишвар фидо мекунам!», «Мо Тоҷикистони демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ барпо мекунем» азояндаи нек башорат медоданд. Ин абармард аз қадамҳои аввал, саҳеҳтараш аз ҳамон соати ба сари қудрат омадан, тамоми азму иродаро ба муттаҳид кардани мардуми Тоҷикистон бахшиданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин баён доштанд: «То он даме ки охирин гурезаро аз Афғонистон ба Тоҷикистон барнагардонам, ман осуда буда наметавонам». Ин изҳороти таърихӣ ва сарнавиштсоз дар дили мардуми аламдидаи тоҷик шуълаи умедро ба оянда барафрӯхт, роҳи беҳбудии ояндаи Тоҷикистон ва ваҳдати миллии тоҷиконро муайян намуд.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ҳукумати сифатан навро рӯи кор овард. Ҳукумате, ки таъсис ёфт, ҳақиқатан миллӣ, мардумӣ ва демократӣ аст. Бо вуҷуди душвориҳо ва мухолифатҳои бешумор ин ҳукумат миллати тоҷикро аз муқовимати сиёсӣ, ноамнию бесуботӣ ва ҷангу даргириҳои бемаънӣ раҳонид. Сулҳ овард, ки кишварро обод кард, халқро сарбаланд сохт. Сулҳе, ки онро тамоми ҷаҳон эътироф кард ва мавриди омӯзишу қобили ибрат донист.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ роҳро барои сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ кушода, масъулияти олии созандагиро ба зимма гирифта тавонист. Манфиати умумимиллиро аз манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва маҳаллию минтақавӣ боло гузошт.

Интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилони халқ ба Маҷлиси Олӣ, таъсиси ҳукумат идомаи мантиқии қарорҳои дар Иҷлосияи XVI қабулгардида мебошанд.

Ҳамин тавр, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саҳифаҳои таърихи навини тоҷик ва тоҷикистониён ҳамчун иҷлосияи наҷотбахш ва сарнавиштсози миллат сабт гардид.

Ба шарофати он тоҷик ва давлати тоҷикон аз гумномӣ наҷот ёфт ва барои ояндагон масири рушду тараққӣ муайян гардид.





# ҲАФТ ХУСУСИЯТИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛӢ

**Фозил ОБИДЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Оид ба аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳои зиёди илмиву оммавӣ навишта шуда, қариб ҳама паҳлуи иҷлосияи тақдирсоз мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, пешниҳод кардани ҳафт хусусияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олиро барои хонандагон аз аҳамият холӣ намедонем.**

Якум. Бори аввал иҷлосия берун аз маркази маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, зеро пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе ба дасти гурӯҳҳои силоҳбадасти ҷиноятпеша афтода буд. Ба ҷои қонун тиру силоҳ ҳукмронӣ мекард. Кор то ҷое расида буд, ки дар Душанбе фаъолияти корхонаву муассисаҳо, мактабу донишкадаҳо фалаҷ гардида, баъд аз соати 16 дигар касе дар кӯчаҳо намемонд.

Дуюм. Риоя шудани талаботи қонунҳои мавҷуда мебошад. Яъне, ҳамаи вакилони халқ аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ ба шаҳри Хуҷанд даъват шуданд, аз ҷумла вакилоне, ки худро мухолифин мешумориданд ва барои баргузор кардани эътирозҳову майдоннишиниҳо фаъол буданд. Ҳеҷ кас ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад изҳор кунад, ки Иҷлосияи XVI бо риоя нашудани қонун баргузор шудааст.

Сеюм. Ба таври мустақим бо истифода аз имкониятҳои техникӣ, эҷодӣ ва касбии телевизиони вилояти ҳамонвақтаи Ленинобод барои сокинони ҷумҳурӣ намоиш додани рафти иҷлосия. Ба ибораи дигар, шаффофияти рафти иҷлосия барои сокинони ҷумҳурӣ таъмин шуда буд. Илова ба ин, журналистони матбуот, радио ва телевизионҳои кишварҳои минтақа, инчунин, намояндагони кишварҳои ИДМ аз наздик ба кори иҷлосия шиносоӣ доштанд.

Чорум. Ба таври ғайриқолабӣ баргузор шудани он. Масалан, ҳамаи иҷлосияҳои қаблии Шӯрои Олӣ аз қабл тарҳрезӣ мешуданд, ки кадом масъалаҳо баррасӣ мегардад, киҳо сухан мегӯянд ва чӣ гуна қарорҳо қабул карда мешаванд. Албатта, масъалаҳое, ки берун аз барномаи таҳияшуда пайдо мешуданд, мавриди таҳлил қарор мегирифтанд, ки хеле кам буданд. Дар Иҷлосияи XVI қариб 90 дарсади мавзӯъҳои баррасишаванда муҳиму рӯзмарра буданд, ки ҳар чӣ зудтар роҳи ҳалро талаб мекарданд.

Панҷум. Қабул гардидани Парчами давлатӣ ва Нишони миллӣ аз тарафи вакилони Иҷлосияи Шӯрои Олӣ. Он замон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Парчами давлатиро бӯсиданд ва бо ҳамин савганди садоқат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва миллати тоҷик ба ҷо оварданд.

Шашум. Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сухан кардан аз минбар азм, ирода ва истодагариро ба вакилоне, ки дар рафти иҷлосия ба кори он хунукназарӣ зоҳир мекарданд, рӯирост изҳор карданд ва талаб намуданд, ки вакилон вазифаҳои хизматиро самимона, содиқона иҷро кунанд. Ин суханронии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун паёми ҷиддӣ ба гурӯҳҳои манфиатҷӯ равона шуда буд. Маҳз баъд аз суханронии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сокинони мамлакат шуниданд, диданд ва дарк карданд, ки Тоҷикистони азиз соҳиби роҳбаре шуд, ки иродаи қавӣ ва сухани қатъӣ дорад.

Ҳафтум. Интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Интихоб озод, шаффоф сурат гирифта, сокинони Тоҷикистон шоҳид шуданд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони хеле мураккаб ҷавонмардона масъулияти бузургро ба зимма гирифтанд.

# ОҒОЗИ ПУРМОНЕА ВА АНҶОМИ БОБАРОР

## Мусоҳиба бо иштирокчии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашӯр Сафаров

**- Қарор дар бораи дар шаҳри Хуҷанд барпо кардани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ кай ва чӣ гуна қабул шуд?**

- Бо сабаби авҷ гирифтани ҳамдигарнофаҳмӣ ҷанг дар ноҳияҳои ҷанубии мамлакат идома меёфт. Хуни бегуноҳон рехта шуд. Сиёсатмадорону равшанфикрон, ки аз ин гуна ҳолат хеле ноҳоҳат буданд, ба қарор омаданд, ки бояд ба ҷанг нуқта гузошта шавад. Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ масъалаи даъвати иҷлосияи навбатӣ ба миён гузошта шуд. Баъзеҳо барои баргузории иҷлосия шаҳри Хоруғ, бархе шаҳри Душанбе ва гурӯҳе шаҳри Хуҷандро пешниҳод намуданд. Табиист, ки агар иҷлосия дар шаҳрҳои Душанбе ё Хоруғ барпо мешуд, мухолифин метавонистанд фишор оварда, мавқеи сиёсиро ба даст гиранд.

Хулоса, дар вазъияти басо печида бо розигии аксари вакилон қарор қабул шуд, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор шавад.

**- Дар бораи рафти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ каме сухан мегуфтед…**

- Иҷлосия кори худро 16-уми ноябри соли 1992 оғоз кард. Мо - вакилон дар навбати аввал бояд раиси Президиумро интихоб менамудем. Ҳабибулло Табаров ҳамчун раис интихоб шуд. Масъалаи муҳими навбатӣ интихоб кардани Раиси Шӯрои Олӣ буд. Номзадии Иззатулло Ҳаёевро баъзеҳо пешбарӣ карданд, аммо ӯ рад кард. Баъд аз ин, А. Мирзоев, вакил аз ноҳияи Ҳисору Шаҳринав (ҳавзаи Хонақоҳ), собиқ сардори Шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ҳисор номзадии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро пешбарӣ намуд. Номзадии ӯ аз ҷониби вакилон дастгирӣ ёфт. Раиси Президиум Ҳабибулло Табаров номзадии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба овоз монд ва бо ҷонибдории 186 вакил муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид.

Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олиро лозим омад, ки муовинонашонро интихоб кунад. Аз мо – як гурӯҳ вакилони ӯзбектабор хоҳиш шуд, ки аз байни худ номзадро пешбарӣ намоем. Мо, зиёда аз бист нафар ба муовинии Раиси Шӯрои Олӣ номзадии шодравон Хӯҷаахмад Хидиралиевро пешбарӣ кардем.

Ҳамин тавр, муовини якуми Раиси Шӯрои Олӣ Абдулмаҷид Достиев ва Хӯҷаахмад Хидиралиев муовин таъин гардиданд.

**- Қонун ва қарорҳое, ки дар иҷлосия қабул шуданд, то кадом андоза татбиқ гардиданд?**

- Санадҳое, ки дар он иҷлосия қабул гардиданд, дар ҳаёт пурра татбиқ ёфтанд. Зиндагии босаодати мо шаҳодати ин гуфта аст.

**- Кадом лаҳза бароятон хотирмон буд?**

- Лаҳзае, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шӯрои Олӣ Парчами давлатии Тоҷикистонро бӯса карда, савганд ёд карданд. Суханони он кас: *«Ман ба шумо сулҳ меорам!.. То он даме ки охирин гурезаро аз Афғонистон ба Тоҷикистон бозногардонам, ман осуда буда наметавонам»* то ҳанӯз дар гӯшҳоям садо медиҳанд.

Дар ин иҷлосияи тақдирсоз Роҳбари давлат интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳамати Худованд ба мардуми мо буд. Дар дастоварду муваффақиятҳое, ки дар тӯли 30 сол ноил гардидем, саҳми ин абармард калидӣ аст ва ин ҳақиқатест раднопазир.

**- Аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар чӣ мебинед?**

- Дар навбати аввал, ба ҷанги бародаркушӣ хотима бахшид. Дар мамлакате, ки ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронд, масъалаҳои ҳалталаб хеле зиёд буданд. Аз ҳама муҳим, барқарор кардани суботи кишвар, таъмини халқ бо нон ва ҳамватанони гурезаро ба Тоҷикистон баргардондан. Бо иқдоми муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гурезагон ба Ватан баргардонида шуданд.

Бо мақсади беҳсозии шароити зиндагии мардум дар вақти кӯтоҳ 50 ҳазор, дере нагузашта боз 25 ҳазор гектар замин тақсим шуд, ки ҳоло бо номи «замини президентӣ» машҳур аст. Байни Ҳукумат ва мухолифини мусаллаҳ музокираҳо оид ба сулҳ баргузор шуда, 27-уми июни соли 1997 Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Тамоми муваффақиятҳо аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ сарчашма гирифта, ба туфайли ғалабаи адолат ба даст омадаанд ва шукрона мекунем, ки ба чунин рӯзҳо расидем.

Дар ин дунё ягон чиз умри абад надорад. Ҳар кореро оғозу анҷомест, аммо хотираи нафароне, ки корҳои некро анҷом дода, ду ҷониби даргирро ба мусолиҳа оварда, сулҳро барқарор карданд, абадан дар дилҳо мемонад. Мардум номи онҳоро баъди ҳазор сол низ вирди забон мегардонанд. Орзумандем, ки сулҳу осоиш дар кишвари маҳбубамон то абад боқӣ монад.

**Мусоҳиб Абдулло САИДОВ,**
**рӯзноманигор**



# АЗ ДИРАФШИ КОВАЁНӢ ТО ПОЯИ 165 - МЕТРАИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 12-уми майи соли 2007 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид, тартиб ва ҷои афрохтани Парчами давлатӣ муайян шудааст.

Ин қонун аз ду боб иборат аст ва боби дуюми он ба Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Тибқи Низомнома дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, Парчами давлатӣ дар боло ё пештоқи бино ва ё ба пояи махсус дар ҳавлии қароргоҳҳои расмӣ - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои ҷумҳурӣ ва мақомоти прокуратура, Бонки миллии Тоҷикистон, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳои давлатӣ ва мақомоти дигари идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон насб карда мешавад. Парчами давлатӣ, инчунин дар нақлиёти хизматии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазир, роҳбарони ҳайати давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҷумҳурӣ ва шахсони дигар тибқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон афрохта мешавад.

Парчами давлатӣ рамзи Истиқлолияти давлатӣ, иттиҳоди осебнопазири коргару деҳқон ва зиёиён, дӯстиву бародарии ҳамаи миллатҳои сокини ҷумҳурӣ мебошад. Ҳафт ситора дар Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора ба ҳафт иқлими ҷаҳон, ҳафт бародарон, ҳафт табақаи осмон, ранги сурх рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ дар роҳи озодӣ ва истиқлолият, ранги сафед рамзи бахту иқболи сафед, нияти неки халқ ва ранги сабз рамзи саъю кӯшиш ва заҳмати халқ баҳри сарсабзиву хуррамии кишвар аст.

Соли 2009 бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24-уми ноябр Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида, бо тартиби ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 19-уми ноябри соли 2009 ҳар сол бо шукӯҳу тантана таҷлил мегардад. Вежагии ин рамзи давлатдорӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар назди Парчами давлатӣ аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то сарбози одӣ савганди садоқату вафодорӣ ёд мекунанд. Дар ҳама ҳамоишҳои расмӣ, пирӯзиҳои варзишгарон зери садои Суруди Миллӣ Парчами давлатӣ барафрохта мешавад.

Дар Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон он пешбинои идораву созмон, ташкилотҳои гуногуни мамлакатро оро медиҳад ва меҳру муҳаббати халқро ба ин муқаддасот ифода мекунад. Ин рӯз собитгари ифтихору эҳтироми мо нисбат ба муқаддасоти миллат, аз ҷумла Парчами давлатист. Парчаме, ки ҳастӣ ва ифтихори миллии моро ифода мекунад. Парчаме, ки шаҳодати истиқлолият, таҷассумгари ғурури миллӣ ва ватандории мост.

Эҳтиром ба Парчам аз ибтидо сар карда, ҳамвора дар қалбҳои мардуми сарбаланди мо маскан гирифтааст. Ҳамин буд, ки дар адабиёти навини мо аксарияти адибони тоҷик чун ифодаи эътимоду эътиқод ба Парчам шеърҳо ва маҷмӯаҳои эҷодии хешро зери унвонҳои «Ливои зафар», «Байрақи музаффарият», «Парчами сулҳ» ва амсоли инҳо ба табъ мерасониданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар табрикоташон ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 зикр намуданд: «Эҳтироми Парчами давлатӣ ва расидан ба қадри он ҳамчун яке аз рамзҳои муқаддаси Ватани соҳибистиқлол аз ҷумлаи вазифаҳои ифтихорӣ ва қарзи шаҳрвандии аҳли ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад ва зарур аст, ки ҳисси ифтихор аз парафшонии он дар сиришту фитрати ҳар як шаҳрванди ватандӯсту меҳанпарасти кишвар доимо пойбарҷо бошад».

Боиси ифтихори мо аст, ки ба муносибати 20 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе баландтарин парчам афрохта шуд. Қомат афрохтани Парчами давлатӣ, ки пояи он баландтарин дар ҷаҳон буд (165 метр), ба пойтахти кишвар шукӯҳу шаҳомати хоса бахшид. Ҳоло ин майдон бо гулгаштҳои ҷолибу ҳарранга ба макони сайругашт, истироҳату фароғати мардум табдил ёфтааст.

Месазад ёдовар шавем, ки ин иншооти беназир аз ҷониби бинокорони Корхонаи «Алюминсохтмон» ва Ширкати байналмилалии «Трейдент Саппот» бунёд ёфтааст.

Дар яке аз суханрониҳояшон Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуда буданд: «Бигузор Парчами истиқлолият асрҳои аср ба сари мамлакати куҳанбунёду номдор ва озоди тоҷик парафшон бошад!».

Бамавриду рамзист, ки ин суханони пурҳикмату таъсирбахш ва дуои неки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷомбахши матлаби мазкур аст.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# ТАЛОШ БАРОИ ДАРЁФТИ ШАРИКОНИ РУШД ВА РАСИДАН БА ҚУЛЛАҲОИ БАЛАНД

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ҳумо», ки умри ҳафтоду ҳафтсола дорад, дар гузаштаи на чандон дур бо номҳои заводи «Трактородеталь», «Душанбесельмаш» ва ИИ «Тоҷикгидроагрегат» фаъолият карда, дорои чордаҳ коргоҳ, сеюним ҳазор коргар буд. Бо маҳсулоти зарурии босифаташ дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ машҳур гардида, барои корхонаҳои трактору комбайнистеҳсолкунандаи шаҳрҳои Ростови лаби Дон, Чернобил, Днепропетровск, Лвов, Тошканд, Таганрог, Красноярск, Павлодар, Чебоксар ва ғайраҳо қисмҳои эҳтиётӣ бароварда, ирсол менамуданд.**



**С**оли 1978 завод истеҳсоли якчанд навъ филтр, қулфу калид ва силиндри гидравликиро ба тариқи азхудкунӣ ба роҳ монда, насос-дозотарҳои тамғаи НД-80 К-ро ба фурӯш бароварда, таваҷҷуҳи бисёр харидорони берунаро ҷалб кард. Соли 1984 истеҳсоли танзимкунандаҳои гидравликии тамғаи №ГА-34000 К ва танзимкунандаҳои ҳаракатдиҳандаи электрогидравликиро, ки барои комбайнҳои ғалладаравӣ «Дон-1200» ва «Дон-1500» бисёр зарур буд, ба роҳ монда, ҳамкориро ба шаҳру вилоятҳои собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тавсеа бахшид. Охирин дастоварди коргарону мутахассисони корхона дар замони истиқлолият соли 1996 истеҳсоли танзимкунандаҳои гидравликии навъи РПВ ва соли 1999 насосҳои дандонадори НШ-50, НШ-32 ва соли 2001 истеҳсоли насоси НШ-10 маҳсуб меёбанд. Дар ташкилу идоракунии иқтисодиёту нақшабандии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ чунин интегратсияву махсусгардонии истеҳсолоти ватанӣ ҳукмрон буда, ягон монеа садди роҳ намегардид. Вале баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ муносибату муомилот аз байн рафт. Дигар ба маҳсулоти корхонаҳо ниёз намонд. Беҳтарин мутахассисону навоварону ихтироъкорон, ки тарки корхонаву шаҳру кишвар карданд, сирру асрори ҳунару истеҳсоли маҳсулоти нозуку ноёб, босифату бозоргири коргоҳҳои корхонаҳои калонро низ бо худ бурданд.

Дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо хусусигардонии корхонаҳои саноатии кишвар ва сохторҳои аграрии он асосан аз нимаи дуюми солҳои навадуми асри гузашта ибтидо мегирад. Афсӯс, ки на ҳама шахсони ҳуқуқию воқеӣ ба моҳияти ин таҳаввулот ва мақсади хусусигардонии моликияти давлатию ҷамъиятӣ дуруст сарфаҳм рафтанд. На ҳамаи соҳибмулкон санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба хусусигардонӣ ва оинномаву шартномаҳояшонро дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя ва иҷро менамуданд. Ана барои ҳамин қисман корхонаҳои саноатӣ ба харобазор, ҳатто рӯ ба нестӣ оварда, дар деҳот бошад, бисёр киштаҳо ба чарогоҳҳои бесоҳиб табдил ёфтанд. Заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ баромаданд.

Чунин ҳолати номатлуб қаҳрамони мо, собиқ вакили Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати якум аз ҳавзаи интихоботии Заҳматобод №7 шаҳри Душанбе, феълан раиси комиссия оид ба буҷет ва идораю ихтиёрдории моликияти коммуналии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, номзади илмҳои иқтисодӣ Комил Шариповро, ки дар гузаштаи наздик дар вазифаву мансаби муовини директори фабрикаи тамоку ва муовини раиси ноҳияи Октябр (ҳоло Исмоили Сомонӣ) кору фаъолият кардааст, бетараф намегузошт. Эшон дастпарвари факултети «Иқтисодиёт ва идора»-и Донишгоҳи соҳибкорӣ ва хизмати шаҳри Душанбе буда, дар мавзӯи «Ислоҳоти аграрӣ-таҳкурсии рушди устувори хоҷагии халқ» муваффақона рисолаи илмӣ дифоъ намуд. Гуфтан бамаврид аст, ки хусусигардонӣ ва ташкили истеҳсолоти саноати кишоварзӣ дар даврони истиқлолият самтҳои асосии пажӯҳиши илмиаш маҳсуб меёбад.

Ба ҳайси вакил дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995 - 2000), чун узви Кумитаи иқтисод ва молия фаъолият намудан, доираи фаҳмишу таҷрибаро дар ин самт тавсеа бахшид. Дар таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба дастгирию кумаки истеҳсолкунандагони ватанӣ, консепсияи рушди саноати маҳаллӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо мақсади рушди иқтисоди ватанӣ) таклифу пешниҳод ва иловаҳои судманд баён карда, дар баррасии онҳо масъулияти баланди шаҳрвандӣ доштанд. Дар маҷмӯъ, ҳамчун вакил дар мақомоти олии қонунгузор вобаста ба таъмини волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ бевосита саҳмгузор буд.

Комил Шарипов чор даъват паи ҳам вакили Маҷлиси вакилон, раиси Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе оид ба буҷет ва идораю ихтиёрдории моликияти коммуналӣ буда, ба моликияти ҷамъиятӣ диққату эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ба кам касон муяссар гардидааст, ки зиёда аз чоряк аср сазовори эҳтирому эътиқоду боварии халқ ҳамчун вакил фаъолияту хизмат карда бошад. Инро ӯ мукофоти олӣ аз ҷониби халқу миллат медонад. Эшон бо хизмати содиқона, хоксорию таҳаммулпазирӣ ва ба дарди мардум дармонбахш буданаш ба ин обрӯ, эътиқоду боварӣ гардиданд. Подоши ҳамаи ин аз ҷониби Сарвари давлат бо медали «Хизмати шоиста» сазовор донистанашон мебошад. Панду насиҳати падари бузургвор (рӯҳашон шод бод) Карим Шариповро, ки самари умрашонро ба хизмати давлату ҳукумат бахшидаанд, дар ёд доранд: «Писарам, агар тавонӣ, ба дасти ростат тавре хайр бикун, ки дасти чапат нафаҳмад. Некӣ бикун, вале ҳаргиз ба забон наёр, ки Худованд миннатгузориро хуш надорад...».

Барои роҳбарият ва ҷомеаи меҳнатии ЧСК «Ҳумо» моҳи июли соли 2006 санаи фаромӯшношуданист. Корхонаи муштараки саҳомии пӯшидаи «ТоҷИрон», ки бо тасмими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Исломии Эрон ва саҳми муштараки тарафҳо ЧСК «Ҳумо» ва Ширкати «Тракторсозии Ирон» таъсис ёфта буд, бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти вақти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуд Аҳмади Нажод бо расми тантанавӣ мавриди истифода қарор гирифт. Аз ҳама зиёд раиси Шӯрои директорони ЧСК «Ҳумо» ва ҳамзамон КМСП «ТоҷИрон» Комил Шарипов шоду қаноатманд буд, зеро боварӣ дошт, ба ҳар ҷое ки қадами муборакӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расад, ҳатман ба он макон нусрату файзу баракат мерасад. Бинобар ин, ин рӯзи муборакро аз ҳама зиёд интизор буданд ва бовар доштанд, ки корхонаашон чун мурғи ҳумо ба қуллаҳои баланд рафта мерасад. Охир, ба ҳамин муроду орзуву мақсадҳо ин номро интихоб кардаанд. Ҳумо мурғи афсонавиест, ки гӯё дар қуллаҳои баландтарини кӯҳҳо ошён мегузорад.

Бо тавсеаю дастуру ҳидоятҳои сарони давлатҳои дӯсту бародар корхонаҳо самти фаъолияташонро куллан дигар карданд. Ҳадаф аз ташкили корхонаи мазкур ба роҳ мондани истеҳсол ва бандубасти трактору мошинолоти кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва фурӯши онҳо, расонидани хизмати техникӣ бо шарикони рушд мебошад. Инак, зиёда аз понздаҳ сол мешавад, ки истеҳсолотро ҳам ба таҷҳизоту технологияи муосир мувофиқ ва ҳам маҳсулотро ба талаботи рӯз мутобиқ ба роҳ мондааст...

«Чаро як Иттиҳоди истеҳсолии «Тоҷикгидроагрегат» моҳияташро гум кард...?» хулоса мебароварду ба худ меандешид Комил Шарипов ва посух меҷуст: «Агар аз як ҷиҳат пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва заволи ҳукмронии сиёсӣ ба иқтисодиёт бошад, сабаби асосӣ аз байн рафтани фармоишгарону харидорони маҳсулоти корхона ва канда шудани муносибатҳои иқтисодӣ буд. Феълан иқтисодиёт ба сиёсат ҳукмрон аст. Мо бояд талаботи бозори дохилиро омӯхта, истеҳсолотро ба роҳ монем!» – ба хулоса омад қаҳрамони мо ва дар як фурсати кӯтоҳ вобаста ба талаботу ниёзи КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик», Заводи сементбарории шаҳри Душанбе, КВД «Роҳсозӣ ва обу корези Душанбе» ва дигар қисмҳои ҳарбӣ ва майдончаҳои варзишии пойтахт истеҳсолоти корхонаро ба роҳ монданд, аз рӯи дастуру супоришҳои Сарвари давлат сеху коргоҳҳо, биноҳои истеҳсолотию ғайриистеҳсолӣ, дастгоҳу таҷҳизот, ки аз ҷиҳати физикию маънавӣ куҳнаю корношоям шуда буданд, таҷдид ёфта, ба мақсади ташкили ҷойҳои нави кор иҷорагиронро даъват намуда, пешниҳоди мушаххас мекарданд. Бо ин роҳ шумораи ҷойҳои кор то ба 150 адад афзуда, вобаста ба талаботи бозори дохилӣ истеҳсоли қуттиҳои пластикӣ барои меваю сабзавоти тару тоза, маҳсулоти гуногуну рангоранг аз санги мармар, дару тирезаҳои пластикӣ, бандубасти дучархаи истеҳсоли заводи «Мотовелло»-и шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларус ба роҳ монда шудаанд.

Ҳаёт, рафти зиндагӣ истеҳсолу хизматрасониҳои навро ба миён гузошт: тайёр кардани бетон, матолиби реклама, хиштҳои сементӣ, насби дару тирезаҳои чӯбин, чопи китобу маводи телеграфӣ ва низому ташкили барномаҳои электронии дахлдори соҳавиро роҳандозӣ намуда, имконият фароҳам омад, ки зиёда аз 50 нафар қувваи қобили дигари меҳнатиро ба шуғли доимӣ ҷалб намоянд.

Дар Паёми солонаи Президенти мамлакат (21-уми декабри 2021) омадааст, ки «Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар, пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022 - 2026, яъне то ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, «Солҳои рушди саноат» эълон карда шавад. Дар ин давра бояд беш аз 500 ҳазор ҷойҳои нави кор таъсис дода шавад». Дар ин хусус барномаи мушаххаси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қабул шудааст. Дар ин самт фаъолияти мақомоти идораву иҷроияи ЧСК «Ҳумо» ва КМСП «ТоҷИрон» ҳаматарафа тавсеа меёбад. Бо роҳбарону мутахассисони КВД ҷумҳуриявии «Тоҷикагролизинг» ва намояндагиҳои ширкатҳои бонуфузи хориҷӣ машваpату ҳамкориҳо роҳандозӣ намуда, барои истеҳсолу дастрасии таҷҳизоти техникии соҳаи кишоварзӣ азму талош доранд. Мисоли равшани ин дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои эронӣ дар КМСП «ТоҷИрон» ба роҳ мондани истеҳсоли ядак (присеп) бо иқтидори бардошти аз 4 то 6 тонна, испор бо теғаву чархи ҷӯяккашак, исканачаи хӯшағундор, дастаи чангчаю диски он ва ғайра мебошад. Агар паҳншавии бемории сироятии COVID -19 монеъ намегардид, бо даъвату ҳамкории муштараки ЧСК «Ҳумо», КМСП «ТоҷИрон» Ширкати «CAUIA International corporation»-и Кореяи Ҷанубӣ корхонаи бандубасти автомобил ва техникаи соҳаи кишоварзӣ - ҶДММ «Автомобили ТОҶКА-УЛА»-ро дар шаҳри Душанбе таъсис медоданд. Асноди муҳими таъсиси корхонаро ба тасвиб расонидаанд ва боваристt, ки дар фурсати муносиб он бунёд хоҳад шуд.

Мутаассифона, ҳанӯз ҳам ЧСК «Ҳумо» ва КМСП «ТоҷИрон» дар бозори дохилӣ фармоишгарони боэътимод пайдо накарданд. Бинобар ин, коркард ва истеҳсоли маҳсулот асосан ба таври универсалӣ ва миқдоран кам бароварда мешавад. Албатта, чунин ҳолат ба пастравии самаранокии истеҳсолот ва ҳосилнокии меҳнат оварда мерасонад. Роҳ ба бозори берунӣ ҳам баъди бартараф кардани ин монеаҳо оғоз меёбад. Раиси Шӯрои директорон низ дар андешаи чунин шарикони рушданд, зеро ҳадафи стратегии Ҳукумати мамлакат ҳам ба кишвари мутараққии агросаноатӣ табдил додани Тоҷикистони соҳибистиқлол аст.

**А. АБДУРАҲИМОВ,**
**К. ДАВЛАТЗОДА,**
**Кормандони шоистаи Тоҷикистон**

# АЗ Ӯ НОМ МОНД

## Гузориш аз таҷлили ҷашни 100-солагии Меҳрубон Назаров дар шаҳри Хоруғ

**Соли равон ба зодрӯзи ходими барҷастаи сиёсӣ, давлатӣ ва фарҳангӣ, собиқ вазири маданияти РСС Тоҷикистон, депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон солҳои 1967-1980 даъватҳои 7, 8 ва 9 Меҳрубон Назаров 100 сол пур шуд. Барои гиромидошти ин шахсияти барҷаста Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ва гурӯҳи ташаббускори «Равшандилон» якчанд чорабиниро ба нақша гирифтанд.**

**А**з ҷумла, роҳбарияти Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода 17-уми майи соли равон таҳти унвони «Саҳми Меҳрубон Назаров дар рушди фарҳангу санъати тоҷик» конференсияи илмӣ-амалӣ гузарониданд. Ҳамчунин, гурӯҳи ташаббускори «Равшандилон» дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов, Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский, Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон «Аҳорун» ба номи М. Қосимов лоиҳаи фарҳангӣ - фароғатӣ таҳти унвони «Ёди ёри Меҳрубон» - ро омода намудаанд, ки он ба ҷашни фархундаи Меҳрубон Назаров бахшида шудааст.

Ин тантанаи фарҳангӣ дар арафаи таҷлили 30 - солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид ва таҳиягарони он баргузории чунин ҷашну чорабиниҳоро натиҷаи ин иҷлосияи таърихӣ маънидод намуданд.

Ба шарофати Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сардори давлат интихоб гардида, ҷумҳурӣ аз ҷангу ҷидол ва кашмакашҳои бемаънӣ раҳо шуд. Маҳз сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мо хотираи шахсиятҳои барҷаста ва хизматнишондодаи хешро қадр мекунем ва хотираашонро пос медорем.

«Вақте мо дар бораи фарҳанги навини тоҷикон суҳбат мекунем, аз рӯи инсоф намешавад, агар аз дастовардҳое сухан ба миён наорем, ки халқи мо дар замони шомил буданаш ба ҳайати Иттифоқи Советӣ ба онҳо ноил гардидааст», - гуфтанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Чанде пеш аҳли илму фарҳанг, шоирону нависандагон ва оҳангсозону сарояндагон ба шаҳри Хоруғ сафар карданд. Пеш аз оғози чорабинии фарҳангӣ раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Мирзонабот Алишер Худобердӣ бо онҳо мулоқот карда, барои иқдоми наҷибашон миннатдорӣ намуд.

Раиси вилоят аз нақшаҳо баҳри ободии вилоят ва дастгириҳои доимии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар гардид.

- Ташаббус ва ҳадафҳои бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Бадахшон имрӯз ба яке аз гӯшаҳои зебоманзари кишвар мубаддал шуда истодааст. Дар заминаи эълон гаштани «Солҳои рушди саноат» дар вилоят бунёди даҳҳо иншооти хурду бузурги саноатӣ оғоз шуда, сатҳу сифати зиндагии мардум хубтару беҳтар гардида истодааст.

Бо дастгирии Пешвои миллат дар вилоят Форуми байналмилалии соҳибкорию сармоягузорӣ «Помир-инвест-2022» баргузор гардида, дар доираи он 30 санади ҳамкорӣ ба маблағи 1 миллиард сомонӣ барои рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят ба имзо расид, - иброз намуд раиси вилоят.

Номбурда аз рушди соҳаи сайёҳии вилоят қаноатмандӣ намуда, гуфт, ки дар нуҳ моҳи соли равон зиёда аз 6700 сайёҳ ба Бадахшон омаданд.

Меҳмонон аз оғози корҳои сохтмонӣ дар қитъаи Дарвоз-Рӯшони шоҳроҳи Кӯлоб-Бадахшон-Кулма қаноатмандӣ намуда, гуфтанд, ки дар чор мавзеи сохтмони ин роҳ кор дар ҷӯшу хурӯш аст. Раиси ВМКБ Мирзонабот Алишер Худобердӣ афзуд, ки бо дастгирии Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон се гурӯҳи роҳсозон ба ин қитъаи роҳ ҳамроҳ шуда, минтақаи роҳи Дарвоз то сарҳади ноҳияи Рӯшонро бояд як сол пеш аз муҳлат ба истифода диҳанд.

Чорабинии фарҳангӣ – фароғатӣ бахшида ба 100-солагии зодрӯзи Меҳрубон Назаров дар Театри мазҳакавӣ - мусиқии Хоруғ ба номи Меҳрубон Назаров баргузор шуд. Раиси вилоят дар оғози чорабинӣ иброз дошт, ки бо шарофати соҳибистиқлолии Ватани азизу маҳбуб сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ки тавассути фидокориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардидааст, мо метавонем чунин чорабиниҳои муҳиму муфидро дар сатҳи баланд баргузор намоем. Аз хотироти арбобони давлатию фарҳангӣ, дӯстону наздикони устоди соҳибэътирофу соҳибэҳтиром баръало намоён аст, ки Меҳрубон Назаров шахсияти барҷаста, дорои истеъдоду маҳорату малакаи баланди касбӣ буда, дар зиндагиномааш марҳилаи таърихии фарҳанги тоҷикон инъикос ёфтааст. Дар замоне ки ҷои фарҳанги муколама, таҳаммулгароӣ, равобити ҳасанаи байни давлатҳоро силоҳ, бадбинӣ ва хушунат мегирад, рӯ овардан ба фарҳанг, алалхусус, навъҳои гуногуни санъат, ки яке аз вазифаҳои он маҳз тарбияи сифатҳои ҳамида дар ботини инсон мебошад, беҳин роҳи баргашти инсон ба хисоли ҳамида аст.

Устод Меҳрубон Назаров маҳз ҳамин ҳикмати бузурги ҳаётӣ, яъне аҳамияти фарҳангу санъатро ҳанӯз аз солҳои нахустини фаъолият дарк намуда, ҳамчун ҳунарпеша кӯшиш намуданд, ки бо маҳорати эҷодӣ мазмуни бузургро дар қалбу тафаккури тамошобин ҷой диҳад.

Номбурда асарҳоеро рӯи саҳна овард, ки бо мазмуни баланд ба такомули инсону ҷомеа нигаронда шуда буданд. Зимни роҳбарӣ дар вазифаҳои гуногун аз роҳбари театри вилоятӣ то вазири маданияти РСС Тоҷикистон саъю талош бар он дошт, ки санъати асили тоҷикро бо нигоҳи нав дар хизмати мардум гузошта, бо кушодани ансамблҳои ҳунарӣ ҷаҳониёнро ба санъати тоҷик ва тоҷиконро бо санъати дигарон шинос намояд, - иброз дошт раиси вилоят.

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқи Қодир монологи Незнамовро аз драмаи «Гунаҳкорони бегуноҳ»-и А. Н. Островский, ки устод Меҳрубон Назаров дар ин драма яке аз нақшҳои асосиро бозида буд, хеле таъсирнок иҷро намуд.

Театршинос Маҳмадуллоҳи Табарӣ дар бораи хизматҳои Меҳрубон Назаров дар тарбияи шогирдон, пешрафти санъату фарҳанги тоҷик, инкишофи драматургияи тоҷик ва дигар паҳлуҳои кору эҷодиёташ муфассал сухан кард.

Ҳунарпешаи халқии ИҶШС Ҷӯрабек Муродов, собиқ вазири фарҳанги Тоҷикистон Тамара Абдушукурова, Ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон Давлатманд Холов, Мастона Эргашева, Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон Заур Дахте аз тариқи онлайн дар бораи Меҳрубон Назаров хотираҳо, фикру андешаҳояшонро баён намуданд.

Ҳунарпешаҳои театрҳои пойтахт ба иштирокчиёни чорабинӣ порчаҳоро аз мазҳакаи мусиқии «Ҳалокати одат» ва драмаи «Дасти дӯст», ки ба қалами Меҳрубон Назаров тааллуқ доранд, намоиш доданд.

Дар чорабинӣ муаллифи ин сатрҳо китоби пйесаҳои Меҳрубон Назаровро таҳти унвони «Ёди ёри Меҳрубон», ки чанде пеш дар нашриёти «Эр-граф» бо дастгирии молиявии доктори илми фалсафа Назархудо Дастамбӯев чоп шудааст, муаррифӣ кард. Китоби мазкур пйесаҳои «Орзу», «Дасти дӯст», «Ҳалокати одат», «Найрангшоҳ», «Найрангшах», «Весна на Памире» (ба забони русӣ) ва «Одат ҳалокати» (ба забони ӯзбекӣ) -ро дар бар мегирад.



Дар маҳфили онрӯза филми мустанади «Меҳрабон» (муаллифи сенария Н. Назаров, режиссёр Х. Хуррамзод, соли 2002), ки ба М. Назаров бахшида шудааст, пешкаши ҳозирин шуд.

Маҳфили гиромидоштро суруду таронаҳои сарояндагони боистеъдод рангинтару гуворо намуд.

Дар хотимаи чорабинӣ Назар Назаров - фарзанди Меҳрубон Назаров ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташкилкунандагони ин чорабинӣ изҳори сипос кард.

**Зи ҳар кас, ки номе дар айём монд,**
**Чӣ ғам гар бимирад, к-аз ӯ ном монд.**

**Тилло НЕКҚАДАМОВ,**
**«Садои мардум».**
**Душанбе - Хоруғ - Душанбе**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412616 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмир ва хизматрасонии техникии воситаҳои нақлиёт, таҷҳизот ва хизматрасониҳои ба он вобаста | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 01.12.2022 15:30:00 |
| 2 | 412640 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббию судӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 02.12.2022 09:50:18 |
| 3 | 412641 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 02.12.2022 10:00:00 |
| 4 | 412618 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 12.12.2022 15:45:00 |
| 5 | 412617 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Рангҳои равғанӣ, молҳои рӯзгор, рангҳои автомобилӣ, масолеҳи сохтмонӣ, молҳои барқӣ, кабели барқ, ноутбук, антивирус, лавозимоти компютерӣ барои онҳо, қисмҳои эҳтиётии насосҳо ва триммерҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 163 | 12.12.2022 16:46:46 |
| 6 | 412620 | Беморхонаи марказии ноҳияи Ёвон | Таъмири куллии утоқҳои кории муҳосиботи Беморхонаи марказии ноҳияи Ёвон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2022 16:55:35 |
| 7 | 412619 | Муассисаи давлатии махсусгардонидашудаи нақлиёти тиббӣ | Сӯзишвории дизелӣ ва бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 12.12.2022 16:57:00 |
| 8 | 412623 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Лавозимоти корӣ ва картриджҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 12.12.2022 17:18:24 |
| 9 | 412622 | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб | Таъмири асосӣ ва барқарорсозии бинои «Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.12.2022 17:54:54 |
| 10 | 412625 | Муассисаи серсоҳавии хоҷагии манзилию рифоии ноҳияи Б. Ғафуров | Рангҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.12.2022 18:30:00 |
| 11 | 412626 | Муассисаи давлатии махсусгардонидашудаи табобатии хонаи кӯдакони шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 55 | 12.12.2022 18:50:00 |
| 12 | 412627 | Муассисаи таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд»-и вилояти Суғд | Хизматрасониҳо дар самти насби барномаи электронии ягонаи Муассисаи таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд» - и вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 12.12.2022 19:20:00 |
| 13 | 412628 | Маркази саломатии №1-и шаҳри Хуҷанд | Корҳои ободонии саҳни маркази саломатии №1-и шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.12.2022 00:05:00 |
| 14 | 412629 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Доруворӣ ва молҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 131 | 13.12.2022 00:25:00 |
| 15 | 412630 | Маркази вилоятии солимгардонии касалиҳои шараёну дили шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 13.12.2022 00:40:00 |
| 16 | 412631 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Доруворӣ ва маводи масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 70 | 13.12.2022 00:55:00 |
| 17 | 412632 | Маркази равонпизишкии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 13.12.2022 01:05:00 |
| 18 | 412633 | Маркази клиникавӣ-эндокринологии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 13.12.2022 01:20:00 |
| 19 | 412637 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд дар шаҳри Хуҷанд» (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои ороишӣ-сохтмонии ҳавлии №5) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.12.2022 09:00:00 |
| 20 | 412638 | Ширхоргоҳ-кӯдакистони №16 | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 43 | 13.12.2022 09:00:00 |
| 21 | 412639 | Муассисаи давлатии таълими томактабии ширхоргоҳ - кӯдакистони № 13-и «Офтобак» дар шаҳри Бӯстон | Мебел ва қолин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 13.12.2022 09:00:00 |
| 22 | 412642 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои рӯйпӯши бинои осорхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.12.2022 09:00:00 |
| 23 | 412643 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонии бинои маъмурӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.12.2022 09:00:00 |
| 24 | 412644 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №11-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 13.12.2022 09:00:00 |
| 25 | 412635 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯроки хушк барои саг | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.12.2022 09:20:14 |
| 26 | 412647 | Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан | Идомаи таъмири куллии бинои ҷарроҳии калонсолони Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.12.2022 09:23:30 |
| 27 | 412645 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №15-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 13.12.2022 09:30:00 |
| 28 | 412646 | Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе | Таъмир ва хизматрасониҳои техникии таҷҳизоти оташнишонии Сарраёсати Агентии омори шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 13.12.2022 09:30:00 |
| 29 | 412648 | Муассисаи давлатии вилоятии рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» | Пластинаи офсетӣ ва плёнкаи полиэтилен | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 13.12.2022 09:35:00 |
| 30 | 412649 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии №4»-и шаҳри Хуҷанд | Иваз намудани тирезаҳои бинои МД «Маркази саломатии №4 шаҳри Хуҷанд» (ҳаҷм: 39 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.12.2022 09:41:45 |
| 31 | 412650 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и Ҷамоати деҳоти Унҷӣ | Гузаронидани шабакаи гармидиҳии марказонидашуда дар синфхонаҳои ошёнаи 2-юми МТМУ №28-и Ҷамоати деҳоти Унҷӣ, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.12.2022 09:45:00 |
| 32 | 412652 | Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони боистеъдод дар шаҳри Бӯстон» | Сӯзишвории дизелӣ ва бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 13.12.2022 10:17:30 |
| 33 | 412651 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 | Мебел, таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 13.12.2022 10:25:22 |
| 34 | 412653 | Муассисаи давлатии «Маркази микроҷарроҳии чашми вилояти Суғд» | Таҷҳизоти тиббӣ, мебел, моноблок, принтер МФУ ва кондитсионер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 13.12.2022 11:40:40 |
| 35 | 412654 | Муассисаи давлатии «Маркази микроҷарроҳии чашми вилояти Суғд» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 13.12.2022 11:40:40 |
| 36 | 412655 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Сохтмони ҳуҷраи ёрирасон дар таҳхонаи бинои мактаби №30, воқеъ дар деҳаи Ярм, Ҷамоати деҳоти Лангари ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.12.2022 12:00:55 |
| 37 | 412636 | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон | Молҳои чопӣ ва картриджҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 13.12.2022 14:00:00 |
| 38 | 412656 | Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳринав | Таъмири ҷории бинои Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳринав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.12.2022 14:20:00 |
| 39 | 412657 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 13.12.2022 15:00:00 |
| 40 | 412634 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони кари ноҳияи Рӯдакӣ | Принтер, чангкашак ва телевизор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 13.12.2022 15:15:15 |
| 41 | 412624 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 13.12.2022 16:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект «Раннего развития детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком**

**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на замещение позиции:**

**Специалист по мониторингу и оценке**

Целью задания является выполнении ролей и обязанностей заинтересованных сторон проекта в сборе, анализе и передаче проектных данных и результатов, а также в разработке Национальной системы МиО РРД.

**Квалификационные требования:**

● Степень в области экономики, политологии, управления природными ресурсами, бизнес-администрирования, имеющего отношение к мониторингу и оценки, а также управление проектами;

● Не менее трех лет соответствующего опыта работы по разработке и внедрению системы мониторинга и оценки проекта в авторитетной международной организации или в проекте, поддерживаемом донорами;

● Сертифицированный тренинг по разработке и внедрению системы МиО, проведенный надежным поставщиком тренингов;

● Большой опыт в разработке Руководства по МиО, составлении отчетов МиО, разработке планов реализации проектов;

● Опыт проведения обучения (и разработки соответствующих материалов, например, руководств, презентаций и т. д.) для различных аудиторий (например, сельского населения, государственных служащих и специалистов, неправительственных организаций);

● Опыт в разработке плана обследований является преимуществом;

● Требуются навыки работы с компьютером (MS office, MS Word, MS Excel, Power Point, электронная почта, Интернета и т. д.), опыт создания и обслуживания баз данных (на уровне пользователя) будет преимуществом;

● Свободное владение письменным и устным таджикским и русским языками; хорошее владение английским языком является преимуществом.

**https://docs.google.com/document/d/1fgzCrrF0ryQpOJTGzLEEDF5QMrxAnkdi/edit?usp=share_link&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true**

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

● Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует и краткое обоснование его / ее квалификации на эту должность;

● Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

● Копия диплома и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

● Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

● Крайний срок подачи документов до 5 декабря 2022 г., $15^{00}$ по местному времени.

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**
**734025 Республика Таджикистан,**
**ул. Шероз, 7 этаж, Душанбе**
**(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**
**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj**
**Phone: (+992) 37 221 06 91**
**Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо**

# ЭЪЛОН!

Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 5-уми декабри соли 2022 соати $10^{00}$ барои фурӯши молу мулки манқул-автомашинаи тамғаи «Мерседес Бенс-180», соли барориишаш – 1999, рангаш-делфинӣ, автомат, тавоноии муҳаррик – 1.8, бо арзиши 73534 сомонӣ ва «ДЭУ МАРТИЗ», рангаш – сурх, соли барориишаш – 2007, тавоноии муҳаррик – 1.1, бо арзиши 35000 сомонӣ музояда эълон менамоянд.

Хоҳишмандон барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонанд ба телефонҳои 235-21-70, 935-63-83-95 занг зананд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Патенти №0349717-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 2-юми майи соли 2018 ба Шарофов Ҷӯрабой Қиёмиддинович (РЯМ 6030136035) додааст, эътибор надорад.

✓Патенти №0394933-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 13-уми марти соли 2019 ба Маллаев Беҳрӯз Саъдиллоевич (РЯМ 6030145193) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи А № 478693-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти умумии асосии №27-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1990 ба Розиқова Булбул Садулоевна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи давлатии нотариалии 3-юми (ҳоло ноҳияи Сино)- и шаҳри Душанбе 23-уми апрели соли 1996 таҳти феҳрасти №8Д – 1569 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, бинои 141/2, ҳуҷраи 31 ба Сафаров Сайвалӣ додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФБТ (ҳоло КДФ «БММҒ»)-и шаҳри Душанбе соли 1996 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, бинои 141/2, ҳуҷраи 31 ба Сафаров Сайвалӣ додааст, эътибор надорад.

✓Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ №256793-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и шаҳри Душанбе соли 2001 ба Садыкова Шаҳноза Ибодуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликияти №1Ш-121-и гумшуда, ки онро Корхонаи фаръии бақайдгирии техникии ноҳияи Восеи вилояти Хатлон 18-уми майи соли 2006 бо суроғаи ноҳияи Восеъ, шаҳраки Восеъ, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров (собиқ Жилмассив), бинои 9, квартираи 3 ба Зарипов Одина додааст, эътибор надорад.

✓Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0242397-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2016 ба Давлатшоева Дилафрӯз Одиловна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ №0242401-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2016 ба Зарипова Шаҳноза Ҳасановна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 13-уми марти соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Меҳробод ба Сафарзода Қурбоналӣ Сафар додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нигинаи Рауф», ки дорои Шаҳодатномаи силсилаи И14№012275 (РМА 140006883, РЯМ 1410004072) ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мебошад, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Аҳли кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба мудири бахши кадрҳои рӯзнома Мирзо Нуралиев бинобар вафоти нобаҳангоми бародараш**
**МАНУЧЕҲР**
**изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, аз даргоҳи Худованд барояш сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум
Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун
САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*
«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852
**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*
Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.
**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru
*Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*
*Ба чопаш 23 ноябри соли 2022, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33410 нусха*
Навбатдори шумора Т. Неккадамов
Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров